Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи
ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши ташаккули бозори озуқаворӣи минтақавӣ хеле муҳим буда, метавонад оқибатҳои назарраси иқтисодӣ дошта бошад, пеш аз ҳама метавонад ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар муайян кардани имкониятҳо барои расонидани маҳсулоти тару тоза ва дигар маҳсулоти озуқаворӣ ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ кӯмак расонад. Таҳқиқоти ташаккули бозори озуқаворӣ ба татбиқи сиёсати давлатӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ бевосита мусоидат мекунад. Зикр кардан ба марид аст, ки самаранокии механизми танзим дар таъмини аҳолӣ бо воридоти пай дар пайи маводи озуқа ба миқдори кофӣ, пешгирӣ намудани буҳрони озуқаворӣ асосан аз ҳисоби истеҳсоли ватании маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ аҳаммияти мақсадноки стратегӣ дорад, зеро аз татбиқи ҳадафҳои гузошташуда на танҳо амнияти озуқаворӣ, балки амнияти миллӣ низ вобаста аст.

Бозори озуқаворӣи минтақа ва мушкилоти ҷиддӣ ва шадиди он дар шароити муосири ҷумҳурӣ аз рӯи минтақаҳо бо дараҷаи тағйирёбии тамоюлҳои рушди он фарқ мекунанд, ки ин аҳамияти робитаи сиёсати маҳсулоти озуқавориро бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳо ва таъмини амнияти озуқавории онҳо ба вуҷуд меорад.

Рушди бозори озуқаворӣ дар кишвар бо як қатор омилҳо маҳдуд аст. Дар байни онҳо номукаммалии муносибатҳои ташкилию иқтисодии байни иштирокчиени бозор, истифодаи нокифояи таҷҳизоти муосири техникӣ, сатҳи пасти таҷҳизоти технологӣ дар марҳилаҳои гуногуни истеҳсол ва коркард, системаи бесамари фурӯш ва тақсимоти маҳсулоти хӯрокворӣ, рушди маҳдуди инфрасохтор, системаи номукаммали танзими бозор. Ин мушкилот ба оптимизатсияи равандҳои истеҳсоли озуқаворӣ халал мерасонанд ва ба рушди ин бозор халал мерасонанд.

Новобаста аз оне, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашида, рисоларо дар сатҳи хуби илмӣ омода намудааст, барои баланд бардоштани сифати кор чунин пешниҳод менамоям.

- унвонҷӯ масъалаҳои назариявии бозори озуқавориро таҳқиқ намуда дар навгонии 1 тарифи муаллифиро мешниҳод намудааст. Аммо хубтар ва беҳтар мешуд агар унвонҷӯ дар матни автореферат ҷадвал оид ба омӯзиши ин тарифҳоро таҳия менамуд.

Камбудии ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати кори илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферати Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат карда, муалифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
муовини якум, муовини ректор
оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Ғоибназарзода С.М.

Имзои Ғоибназарзода С.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109
Телефон: (+992 3522) 2-48-22
E-mail: ksu.khorog.mail.ru
E-mail: ssssaid1985@mail.ru